Прокуратура яке аз ниходи боэътимоди мамлакат ба хисоб рафта, дар таъмини волоияти конун, тартиботи хукукӣ, тахкими сулху субот, мубориза алайхи чинояткорӣ, пешгирии хукуквайронкунӣ ва зухуроти номатлуб сахми босазо дорад.

Макомоти прокуратура ханӯз аз ибтидои таъсисёбӣ бо вучуди шароити вазнини сиёсӣ, иктисодӣ ва ичтимоӣ вазифахои хизматии худро бо хисси баланди масъулият, кордонӣ ва садокат ба халку Ватан ичро намуда, барои бехтару хубтар ба рох мондани мубориза ба мукобили чинояткорӣ, пойдор гардидани конуният ва тартиботи хукукӣ корхои назаррасро ба анчом расонидааст.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мӯхтарам Эмомал ӣ Рахмон бархак таъкид намуданд, ки «**Вазифаи аз хама мухим – таъмини амнияти давлату миллат ва хифзи суботу оромии чомеа, пешгирӣ ва бартараф кардани хама гуна тахдиду хатархои берунӣ, таъмини волоияти конун, инчунин назорати риояи дакики конунхо дар каламрави чумхурӣ ба зиммаи макомоти прокуратура вогузор гардидааст**»
.

Прокуратураи нохияи Зафаробод чузъи чудонашавандаи макомоти прокуратураи чумхурӣ буда, дар фаъолияти худ назорати волоияти конун, хифзи хукуку озодии инсон ва шахрванд, чихати бехтару хубтар ба рох мондани мубориза ба мукобили чинояткорӣ, бахусус мустахкам намудани конуният, баланд бардоштани сатхи тарбия ва маърифати хукукии шахрвандон сахми арзанда мегузорад.  Фаъолияти он бахри хифзи арзишхои чомеаи демократӣ, тартиботи чамъиятӣ, манфиатхои давлат ва чомеа, ошкору пешгирӣ намудани хукуквайронкунихо ва мубориза бо чинояткорихо равона гардида, чихати пешрафту шукуфоии диёр ва Ватани азиз накши босазои худро дорад.

Кормандони прокуратура вазифахои аз чониби Рохбари давлат дар самтхои мубориза

алайхи чиноятхои муташаккил, аз чумла терроризм ва экстремизми сиёсиву динӣ гузошта шударо сарбаландона ичро карда истодаанд.

Мехнати пуршараф ва талошхои шоистаи хар як корманди макомот дар ин чода аз чониби хам давлат ва хам чомеа ба хубӣ эхсос мегардад ва кадрдонӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти накши арзишманди прокуратура дар хаёти сиёсию ичтимоии чомеа, макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия чихати фарохам овардани шароити мусоиди кории макомот хамаи тадбирхои заруриро амалӣ мегардонад.

Итминнон дорам, ки Шумо - кормандони прокуратураи нохия минбаъд хам бо фаъолияти пурсамар, хисси баланди масъулиятшиносӣ ва садокат ба халку Ватан дар эъмори давлати сохибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона сахми арзандаи худро мегузоред.

Бо ифодаи чунин ниятхои нек хамаи кормандони макомоти прокуратураро самимона табрик намуда, сихатмандӣ, саодати рӯзгор ва дар амалисозии пайкори созандаи мӯхтарам Пешвои муаззами миллат барору комёбихо таманно дорам.

**Иди касбӣ муборак, нозирони конуну тартибот!**